ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5 - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, тағйирёбии сохтори шуғли аҳолӣ ва афзоиши аҳамияти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, масъалаҳои таъмини мувозинати манфиатҳои кормандон, корфармоён ва давлат аҳамияти калони иҷтимоӣ ва иқтисодӣ касб менамоянд. Дар чунин шароит шарикии иҷтимоӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмини суботи меҳнатӣ, рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва пешгирии низоъҳои иҷтимоӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва ҳуқуқии давлат бахшида шуда, аҳамияти назаррас дорад.

Автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди институти шарикии иҷтимоиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳлил намуда, нақши онро дар танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва рушди устувори иқтисодӣ асоснок кардааст.

Яке аз дастовардҳои муҳими таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф шарикии иҷтимоиро на танҳо ҳамчун институти ҳуқуқӣ, балки ҳамчун воситаи муҳими рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ арзёбӣ менамояд. Ба таври асоснок нишон дода шудааст, ки фаъолияти самараноки механизмҳои шарикии иҷтимоӣ метавонад ба коҳиш ёфтани сатҳи муноқишаҳои меҳнатӣ, баланд гардидани маҳсулнокии меҳнат, беҳтар шудани муҳити сармоягузорӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот махсусан дар таҳлили нақши шартномаҳо ва созишномаҳои коллективӣ дар таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандон ифода меёбад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки тавассути механизмҳои музокироти коллективӣ имконияти танзими самараноки масъалаҳои музди меҳнат, ҳифзи меҳнат, шуғл, омодасозии касбӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ фароҳам оварда мешавад. Ин омилҳо дар маҷмуъ ба баланд гардидани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат мекунанд.

Дар таҳқиқот нақши шарикии иҷтимоӣ дар таъмини шуғли устувор ва ҳифзи бозори меҳнат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, қобили таваҷҷуҳи хоса аст. Муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки дар шароити

тағйирёбии иқтисодиёт ва таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, шарикии иҷтимоӣ метавонад ҳамчун воситаи муассири мутобиқсозии сиёсати шуғл ба талаботи бозори меҳнат хизмат намояд. Хусусан, иштироки фаъолонаи иттиҳодияҳои касаба ва корфармоён дар таҳияи барномаҳои рушди шуғл ва бозомӯзии касбӣ аҳамияти калони иҷтимоӣ дорад.

Қобили дастгирӣ мебошад, ки муаллиф масъалаи рушди шарикии иҷтимоиро бо вазифаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими сиёсати иҷтимоии давлат пайваст намудааст. Дар воқеъ, таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки сатҳи баланди рушди шарикии иҷтимоӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодиёти рақобатпазир ва ҷомеаи устувор ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқот инчунин масъалаҳои таъсири шарикии иҷтимоӣ ба коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки тавассути институтҳои шарикии иҷтимоӣ метавон барои таъмини манфиатҳои ҷавонон, занон, шахсони имконияташон маҳдуд ва дигар гурӯҳҳои осебпазир шароити мусоид фароҳам овард.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот аз он иборат аст, ки пешниҳодҳои илмии муаллиф танҳо хусусияти назариявӣ надошта, ба ҳалли масъалаҳои амалии рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ нигаронида шудаанд. Пешниҳодҳо вобаста ба такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани нақши субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ метавонанд барои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои корфармоён ва иттиҳодияҳои касаба аҳамияти амалӣ дошта бошанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, дар автореферати диссертатсия баъзе масъалаҳо баҳснок низ вуҷуд доранд, аз ҷумла:

- дар автореферат нақши шарикии иҷтимоӣ дар рушди иқтисоди миллӣ асоснок карда шудааст, вале таъсири нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ ва иқтисоди ғайрирасмӣ ба рушди шарикии иҷтимоӣ метавонист амиқтар таҳлил гардад.

- ба назари ман масъалаи арзёбии самаранокии иқтисодии созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дар фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳо таҳқиқи иловагиро талаб менамояд.

Бо вуҷуди ин, эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии

шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5 - Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ таҳқиқоти мустақилона, мукаммал ва дорои аҳамияти баланди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд барои такмили сиёсати иҷтимоӣ, рушди бозори меҳнат ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.3 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мебошад.

Муқарриз:
Директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,
доктори илмҳои сиёсӣ Маҳмадбекзода М. Ш.

Суроғаи муқарриз:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Маҳсумов, хонаи 89/1, ҳуҷраи 22.
Почтаи электронӣ: sorbon4@inbox.ru
Телефон: +992 907 83 96 45
Имзои Маҳмадбекзода М. Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Шуъбаи кадрҳои Муассисаи давлатии
«Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират
ва шуғли аҳолӣ» Ҷонмаҳмадов Ф.
«9» 01 10 2026 соли 2026

Суроғаи муассиса:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 71
Почтаи электронӣ: nii-truda@mail.ru
Сомона: pmmsha.tj
Телефон: (+992237) 2391888